**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17).**

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Дилшод Шарифӣ дар мавзӯи “**Нақши созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)**”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯйи ихтисоси 6D 051300 - иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст.

Созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ институти ҳамкории бисёрҷонибаи байнидавлатӣ ва василаи ҳалли муносибатҳои байналмилалии иқтисодии кишварҳо мебошад, ки дорои ҳадаф, ваколат ва мақомоти доимӣ ҳастанд. Дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналхалқии иқтисодӣ, гуфтушунидҳои мушаххас доир ба масъалаҳои умумии иқтисодӣ, махсусан роҳҳои ҳалли масъалаҳои баҳсбарангез ва ихтилофҳо баргузор мегардад, байни давлатҳои аъзо муносибатҳо барқарор мегарданд ва рушд меёбанд.

Дар заминаи чолишҳои бавуҷудомада давлатҳои алоҳида наметавонанд ҳалли мушкилоти мавҷударо бе дастгирӣ ва кӯмаки созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ (СИБ), ки фаъолияти онҳо асосан барои таъмини рушди босуботи низоми иқтисоди ҷаҳонӣ, таҳияи равишҳои нави танзим ва ҳамгироии тамоми кишварҳои ҷаҳон ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ равона гардидаанд, таъмин намоянд. Ҳоло созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ дар таъмини суботи иқтисодии ҷаҳонӣ нақши муҳим мебозанд, ки таъсири муассир ба муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ мерасонанд ва ба ин васила паҳн шудани тамоюлҳои манфии рушди иқтисодиёти ҷаҳониро пешгирӣ мекунанд.

Бинобар ин, омӯзиши назариявии чунин як соҳаи мураккаб, бисёрҷанба ва нокифоя омӯхташуда, ҳамчун хусусияти созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ, шаклҳо ва механизмҳои фаъолияти танзими онҳо, ниҳоят муҳим аст. Бешубҳа, функсияҳои СИБ барои танзими иқтисоди миллӣ маҳдудиятҳои худро доранд, ки аз

як тараф шароити объективии низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ ва аз ҷониби дигар муқаррароти оинномаи созмонҳо муайян карда мешаванд.

Пайваста ба ин гуфтаҳои боло зикр гардида, мавзӯи интихобнамудаи Дилшод Шарифӣ таҳқиқи ниҳоят муҳим ва саривақтӣ барои иқтисоди миллии кишварамон дониста мешавад.

Дар автореферати диссертатсия муаллиф қайд намудааст, ки омилҳои ташаккулёбии созмонҳои байналмилалӣ ва афзоиши таъсири онҳо дар ҷаҳони муосир вазифаи назаррас—тасниф ё гуруҳбандии онҳоро дар пеши муҳаққиқон мегузорад, ки бе омӯзиши масъалаҳои назариявӣ, амалӣ намудани он ғайриимкон аст. Гурӯҳбандии созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ имкон медиҳад, ки дар бораи созмонҳои байналмилалӣ маълумоти муфассал ба даст ояд. (саҳ. 10)

Муллиф дар натиҷаи тадқиқот ба чунин хулоса амадааст, ки дар давоми солҳои охир динамикаи сармоягузориҳои СИБ ба рушди иқтисодиёти кишвар коҳиш ёфта истодааст. Аз ин рӯ, барои фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузориҳои СИБ ва баланд бардории эътимоди онҳо дар давлат, зарур аст, ки механизмҳои нави институтсионалии ҷалби сармоягузориҳои СИБ андешида шаванд.

Ҳамзамон дар автореферат барои пешакӣ муайян намудани манфиатҳо дар шакли ҷадвал накша ва чорабиниҳо (алгоритми амал) барои муайян созии манфиати миллӣ дар мадди оғози ҳамкориҳо оварда шудааст.

Дастоварди дигари муаллиф дар он аст, ки зимни таҳлилҳо муайян гардид, ки дар татбиқи лоиҳаҳо саҳми ҳукумати ҷумҳурии тоҷикистон 289,3 млн. доллари има ё 3,4 фоиз, саҳмгузориҳои ташкилотҳои иқтисодии байналхалқӣ 3569 млн. доллари има ё 42,5 фоиз, саҳми мамлакатҳои донор 4103 млн. доллари има ё 48,8 фоиз, саҳми ташкилотҳои ғайридавлатӣ 325 млн. доллари има ё 3,9 фоиз ва саҳми воситаҳои ғайрибуҷетӣ 114,1 млн. доллари има ё 1,4 фоизро ташкил менамояд.(саҳ. 13)

Дар баробари аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва нуқтаҳои муҳим, автореферат аз норасоиҳо низ холӣ нест, ба монандӣ:

1. Ҳарчанд, ки кор бо забони давлатӣ иҷро карда шудааст, хуб мешуд хатогиҳои имло ва ҷумлабандӣ ба инобат гирифта шавад;

2. Хуб мебуд муаллиф асосҳои назариявӣ ва институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди созмонҳои иқтисодии байналмилалиро мавриди таҳқиқи васеъ қарор медод.

Камбудиҳои мушоҳида гардида, дар маҷмӯъ сатҳи баланди диссертатсияи илмиро паст намекунанд. Маводҳои илмии нашршуда ва автореферати таҳия гардида, шаҳодат медиҳанд, ки мавзӯи таҳқиқоти хуб таҳқиқ гардида, кори илмӣ ба итмом расида маҳсуб ёфта ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда Дилшод Шарифӣ сазовори дараҷаи илмии доктор PhD аз руйи ихтисоси 6D 051300 - иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Б. Ғафуров Исмоилов М.М.

Имзои д.и.и., профессор Исмоилов М.М.-ро тасдиқ менамоям

Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров Ашрапова З.А.

Суроғаи донишгоҳ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Исмоили Сомонӣ, 169
Телефон: (+992) 927756755.
E-mail: mamarahim@list.ru